آوازِ تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Овози тоҷик


Банӣ одам аъзои якдигаранд!

16 сентябри соли 2026 Чоршанбе № 73 (15292)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ЎЗБЕКИСТОН — КОРЕЯ: ТАШАББУСҲОИ НАВИ МУТТАҲИДКУНАНДАИ ИМКОНИЯТҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар доираи сафари давлатӣ ба Ҷумҳурии Корея 15 сентябр бо Раиси Ассамблеяи миллии Ҷумҳурии Корея Чо Чжон Шик, Сарвазир Хан Сон Сук, роҳбарони ширкатҳои бузург ва ниҳодҳои молиявии Корея, инчунин ҳамватанони муқими ин кишвар мулоқот намуд. Ғайр аз ин, Сарвари давлат дар маросими ифтитоҳи Форуми тиҷоратии Ӯзбекистон – Корея суханронӣ кард.





Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев нахуст бо Раиси Ассамблеяи миллии Ҷумҳурии Корея Чо Чжон Шик мулоқот анҷом дод.

Таъкид гардид, ки дар пешбурди муносибатҳои шарикии махсуси стратегӣ миёни Ӯзбекистон ва Корея парламентҳои ду мамлакат нақши муҳим доранд.

«Гурӯҳҳои дӯстӣ»-и байнипарлумонӣ фаъолона кор мебаранд, ташрифҳои мунтазами ҳайатҳои парламентӣ ба амал меоянд ва миёни кумитаҳои дахлдори мақомоти қонунгузор табодули самарабахши таҷриба роҳандозӣ шудааст.

Бо кумаки Ассамблеяи миллӣ ва Агентии ҳамкории байналмилалии Корея дар ҳар ду палатаи Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон лоиҳаи «Парламенти электронӣ» амалӣ мешавад.

Бо мақсади таъмини назорати парлумонӣ бинобар татбиқи тавофуққое, ки дар сатҳи олӣ, пеш аз ҳама, оид ба гуфтушунидҳои робитаҳои тиҷоративу иқтисодӣ, сармоягузорӣ ва фарҳангиву гуманитарӣ ба даст омадаанд, зарурати таъсиси механизми ҳамкории мутақобила таъкид гардид.

Дар анҷоми мулоқот ҷонибҳо аз рӯйи баргузор намудани як қатор чорабиниҳо дар соли 2027 дар самти «дипломатияи парлумонӣ» ба муносибати 35-солагии барқарор гардидани муносибатҳои дипломатӣ байни Ӯзбекистон ва Корея ба мувофиқа расиданд.

Сипас, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар қароргоҳе, ки дар шаҳри Сеул барояш ҷудо шудааст, Сарвазири Ҷумҳурии Корея Хан Сон Сукро ба ҳузур пазируфт.

Масъалаҳои таҳкими минбаъдаи муносибатҳои шарикии махсуси стратегиро дар соҳаҳои тиҷорату иқтисодӣ, сармоягузорӣ, технология ва нақлиётиву логистикӣ баррасӣ намуданд.

Ба амиқсозии ҳамкории инноватсионӣ ва технологӣ аҳамияти устувор дода шуд.

Дурнамои ҳамкориҳоро дар соҳаҳои тиҷорат, молия ва сармоягузорӣ, иқтисоди рақамӣ ва амнияти киберӣ, инчунин дар самти коркарди маъданҳои муҳим бо истифода аз технологияҳои пешрафтаи Корея ва заминаи ашёи хоми Ӯзбекистон муҳокима карданд. Ҳамзамон, масъалаҳои шарикӣ дар самти рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва роҳи оҳан, инчунин густариши робитаҳои байниминтақавиро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Сарвазири Ҷумҳурии Корея Хан Сон Сук дар маросими ифтитоҳи Форуми муштараки тиҷоратии Ӯзбекистону Корея иштирок карданд.

Дар чорабинӣ беш аз 300 намояндаи сохторҳои давлатӣ ва доираҳои соҳибкории ду мамлакат, аз ҷумла роҳбарони ниҳодҳои пешрафтаи молиявӣ, корхонаҳои бузурги саноатӣ ва ширкатҳои тиҷоратӣ иштирок намуданд.

Бахусус, аз ҷониби Корея, намояндагони ширкатҳои бузурге чун «Lotte Chemical», «Hyundai Motor Group», «Samsung C&T», «CJ Group», «Shinhan Financial Group», «Hyundai Rotem», «KIND», «BOMI», «Kia Corporation», «Sampyo Group» ва «Hansae Mobility» ширкат варзиданд.

Сарвари давлат зимни суханронӣ таъкид намуд, ки Корея дӯсти аз санҷиши вақт гузашта ва шарики махсуси стратегии Ӯзбекистон мебошад ва ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодиву сармоягузорӣ яке аз самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои бисёрҷонибаи Ӯзбекистону Корея ба шумор мераванд.

Махсус таъкид гардид, ки ширкатҳои пешрафтаи Корея дар Ӯзбекистон фаъолияти босамар доранд ва ба рушди иқтисодиёти кишвар саҳми назаррас мегузоранд.

Имрӯз Ӯзбекистон ба марҳилаи нави рушди саноатӣ ва технологӣ қадам мегузорад. Аз ин рӯ, барои афзунсозии ҳаҷми тиҷорати мутақобила, тавсеаи ҳамкориҳои сармоягузорӣ ва татбиқсозии лоиҳаҳои нави муштарак имкониятҳои васеъ фароҳам меоянд.

Аз ҷониби Сарвари давлат пешниҳод гардид, ки тавассути баҳам овардани иқтидори захиравии Ӯзбекистон, технологияҳои пешрафтаи Корея ва имкониятҳои сармоягузории ширкатҳои ду кишвар, нуқтаҳои нави рушди иқтисодӣ ба вуҷуд оварда шаванд.

Президенти мо самтҳои асосии рушди минбаъдаи шарикии иқтисодиро муайян намуд.

Бахусус, рушди кооператсияи саноатӣ ва ташаккули занҷираҳои пурраи истеҳсолӣ, энергетика ва иқтисоди «сабз», нақлиёт ва инфрасохтори муосир, рақамикунонӣ ва зеҳни сунъӣ, нимноқилҳо ва микроэлектроника, биотехнология ва дорусозӣ, анҷом додани таҳқиқоти муштараки илмӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафта, ҳамкорӣ дар бахши омодасозии кадрҳо ва дигар самтҳо таъкид гардиданд.

Ширкатҳои Корея барои татбиқи лоиҳаҳо дар самтҳои коркарди мис, истеҳсоли таҷҳизоти электротехникӣ, маҳаллисозии истеҳсоли қисмҳои эҳтиётӣ барои саноати автомобилсозӣ ва истеҳсоли автомобилҳои барқӣ, робототехника ва автоматикунонӣ, биотехнология ва дорусозӣ, гидроэнергетика, низоми захиракунии неруи барқ, навсозии шабакаҳои энергетикӣ, инчунин рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва шаҳрӣ даъват карда шуданд.

Ҳамчун механизми амалии боз ҳам амиқтар намудани ҳамкориҳои саноатӣ ва технологӣ таъсиси Иттиҳоди саноативу технологии Ӯзбекистону Корея пешниҳод гардид.

Президент таъкид намуд, ки омода аст, то барои тиҷорати кореягӣ дар кишварамон шароити мусоидтар фароҳам оварад ва дар татбиқсозии лоиҳаҳои муштарак кумаки амалӣ расонад.

Дар анҷоми Форуми тиҷоратии Ӯзбекистон – Корея бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Сарвазири Ҷумҳурии Корея Хан Сон Сук маҷмӯи созишномаҳои назарраси сармоягузорӣ ва тиҷоративу иқтисодӣ имзо гардиданд.

Дар доираи Форуми мазкур бо иштироки Президент Шавкат Мирзиёев маросими ба кор даровардан ва сохтмони лоиҳаҳои муштарак бо ширкат ва муассисаҳои молиявии пешсафи Ҷумҳурии Корея баргузор шуд.

Аз ҷумла, дар шаҳри Тошканд Маркази технологияҳои кимиёвӣ ба фаъолият шурӯъ намуд. Дар вилояти Ҷиззах истеҳсоли автомошини «KiA Sonet Prime» ва панелҳои кузови автомобил, дар вилояти Фарғона истеҳсоли маҳсулоти электротехникӣ ва дар вилояти Наманган истеҳсоли маҳсулоти полимерӣ роҳ монда шуд.

Инчунин, дар пойтахт сохтмони Маркази миллии онкологӣ, муассисаи таҳсилоти олии тиббӣ, инчунин корхонаҳои истеҳсоли робот ва ҷузъҳои эҳтиётии онҳо оғоз гардид.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар доираи барномаи тиҷоратии сафар ба Ҷумҳурии Корея раиси ширкати «Lotte Group» Шин Дон Бинро қабул кард.

Роҳбари Ӯзбекистон таъкид намуд, ки ширкат яке аз бузургтарин сармоягузорони Корея дар кишвари мо ба шумор рафта, тайи солҳо ҳамкориҳои самарабахшро пеш мебарад. Дар ин замина, фаъолияти бомуваффақияти маҷмаи газу кимиёи Устюрт махсус қайд гардид.

Масъалаҳои татбиқсозии лоиҳаҳои девелоперӣ дар кишварамон дар заминаи технологияҳои пешрафтаи Корея, инчунин дурнамои рушди ҳамкориҳо дар самти истеҳсоли фолгаи мис баррасӣ гардиданд.

Президенти кишвар нақшаҳои ширкатро ҷиҳати идоракунии марказҳои сайёҳии мамлакат ва баланд бардоштани сифати хидматрасонӣ дар соҳаи тиҷорати меҳмонхона дастгирӣ намуд.

Дар анҷом аз рӯйи таъсиси гурӯҳи корӣ бо мақсади мониторинги раванди татбиқи лоиҳаҳои дуҷониба ба мувофиқа расиданд.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар доираи сафари давлатӣ ба Ҷумҳурии Корея бо раиси Бонки содироту воридоти Корея Хван Ки Ён мулоқот анҷом дод.

Дар мулоқот президенти Институти геология ва захираҳои минералии Корея (KIGAM) Квон И Гюн ва муовини директори Институти металлҳои нодири Корея (KIRAM) Бум Сун Ким низ иштирок намуданд.

Бо қаноатмандӣ таъкид гардид, ки тайи солҳо бо бонк ва фондҳои он дар соҳаҳои тандурустӣ, дорусозӣ, маводи муҳим, таълим ва нақлиёт ҳамкориҳои самарабахш роҳандозӣ шудаанд.

Сарвари давлат имзои барномаи нави ҳамкориро ба маблағи 8 миллиард доллар дастгирӣ намуд. Инчунин, масъалаҳои суғурат бахшидан ба татбиқи лоиҳаҳои марбут ба таҳвили қатораҳои баландсуръат, таъсиси Биомарказ, коркарди минералҳои муҳим ва рушди технологияҳои рақамӣ баррасӣ гардиданд.

Ба масъалаҳои таъсиси Маркази соҳибкории зан ва духтарон дар минтақаи назди Арал ва ҷалби ниҳодҳои молиявӣ ва ширкатҳои Корея ба лоиҳаи сохтмони роҳи нави оҳан дар самти Тошканд – Самарқанд диққати махсус дода шуд.

Ҷонибҳо ба фаъолият шурӯъ намудани фонди муштаракро бобати маблағгузорӣ намудани лоиҳаҳо дар соҳаи минералҳои аз нигоҳи стратегӣ муҳим бо мамнуният қайд карданд.

(Давомаш дар саҳ.2).

Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

БА ИШТИРОКДОРОНИ ОЛИМПИАДАИ 46-УМИ ҶАҲОНИИ ШОҲМОТ

Муҳтарам иштирокдорони Олимпиада!

Меҳмонони азиз!

Аз таҳти дил шумо, дурахшонтарин шоҳмотбозони ҷаҳонро бо оғоз гардидани Олимпиадаи 46-уми ҷаҳонии шоҳмот, ки бори аввал дар сарзамини қадимӣ ва меҳмондӯсти Ӯзбекистон баргузор мегардад, аз таҳти дил табрик менамоям.

Анҷумани бонуфузи варзишӣ бо иштироки гроссмейстерҳои маш-ҳур, мураббиён ва мухлисони шоҳмот аз бештар аз 200 мамлакат дар Самарқанди шукуҳманд – дурдонаи Шарқи қадима, ки дар худ ёдгориҳои таърихӣ ва мадании беш аз сеҳазорсоларо ҳифз намудааст, ки ин ба мусобиқа фазои алоҳидаи идона мебахшад, баргузор мегардад. Фикр мекунам, ки онро ҳар яки шумо эҳсос кардед. Ба шаҳри бузург, ки ҳоло пойтахти шоҳмоти ҷаҳон гаштааст, ба Ӯзбекистони азизи мо, хуш омадед!

Дӯстони азиз!

Шоҳмот, ки яке аз қадимтарин бозиҳои варзишии зеҳнӣ ба шумор меравад, дар мамлакати мо таърих, мактаб ва анъанаи бошарафи худро молик аст.

Махсус бояд таъкид кард, ки Соҳибқирон Амир Темур, ки Самарқандро ба пойтахти мамлакати бузурги асосгузоштааш, ба яке аз марказҳои Эҳёи дуюм табдил дод, сарлашкари мағлубнопазир, стратег, устоди бомаҳорати шоҳмот буд.

Дар осори илмӣ ва бадеии ниёгони бузургамон – мутафаккирон Муҳаммад Хоразмӣ, Абурайҳон Берунӣ, Мирзо Улуғбек, Алишер Навоӣ, Заҳириддин Муҳаммад Бобур нақши шоҳмот дар рушди маънавии инсон махсус таъкид ёфтааст.

(Давомаш дар саҳ.2).

16 сентябр – Рӯзи байналмилалии ҳифзи қабати озон

ҲИФЗИ ҚАБАТИ ОЗОН — МАСЪУЛИЯТИ ЭКОЛОГИИ ИНСОНИЯТ

Ҳифзи муҳити атроф, истифодабарии оқилона аз захираҳои табиӣ ва таъмин кардани бехатарии экологӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарини рӯз аст. Мӯътадилона идома ёфтани ҳаёт дар рӯйи Замин аз бисёр ҷиҳат ба ҳолати табиии атмосфера вобаста мебошад. Яке аз механизмҳои муҳими табиии ҳимоя ин қабати озон аст. Ҳар сол 16 сентябр ҳамчун Рӯзи байналмилалии ҳифзи қабати озон қайд меёбад.

Қабати озон чаро муҳим? Озон газест, ки аз се атоми оксиген таркиб ёфта, дар қабати стратосфераи атмосфера дар ҳолати ғунҷшуда (консентратсия) вомехӯрад. Ин қабат рӯйи Заминро аз нурҳои зарарнок – ултрабунафши Офтоб ҳимоя мекунад. Агар нурҳои ултрабунафш ба организми инсон аз меъёр зиёдтар таъсир кунад, ба саломатӣ хатари ҷиддӣ дорад. Хусусан, хавфи гирифторшавӣ ба бемориҳои пӯст, чашм, низоми иммун меафзояд. Инчунин пурқувватшавии нурҳои ултрабунафш ба растаниҳо, наботот, экинзоми баҳру хушкӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Аз ин рӯ, ҳифзи қабати озон на фақат барои экология, балки баҳри саломатии инсон ва рушди муътадили ҷамъият низ аҳамият дорад.

Сабаби халалдоршавии қабати озон дар чист?

Дар натиҷаи тараққиёти саноат ва технология дар асри гузашта моддаҳои гуногуни ба қабати озон зараровари кимиёвӣ ба атмосфера баромад. Хусусан пайвастҳои карбон (хлорфторкарбонҳо), галон ва моддаҳои дигар ба қабати озон таъсири ҷиддӣ расонд. Пайвастагиҳое, ки ба атмосфера партоб шудаанд, ба стратосфера рафта расида, бо таъсири нури Офтоб ба парчашавии молекулаи озон иштирок карданашон мумкин аст.

Дар натиҷа дар атмосфера консентратсия (зичӣ)-и озон кам шуда ҳудуди «сӯрохии озон» ба вуҷуд омадаанд. Ин ҳолат аҳли башарро водор намудааст, ки бобати ҳифзи қабати озон чораҳои қатъӣ ва самаранок андешад.

Дар таърихи ҳифзи қабати озон Протоколи Монреал, ки 16 сентябри соли 1987 қабул шудааст, аҳамияти ҷудогона дорад. Ин созишномаи байналмилалӣ ба масъалаи марҳила ба марҳила маҳдуд кардани истеҳсол ва истеъмоли моддаҳои маҳвкунандаи озон нигаронида шудааст. Протоколи Монреал яке аз ҳуҷҷатҳои муҳими экологӣ аст, ки давлатҳои зиёдро дар атрофи мақсади умумӣ муттаҳид кардааст. Дар натиҷаи амалӣ гаштани он истифодабарӣ аз моддаҳои несткунандаи озон ба дараҷаи эҳсосшаванда маҳдуд гардид.

(Давомаш дар саҳ.2).

БА ИШТИРОКДОРОНИ ОЛИМПИАДАИ 46-УМИ ҶАҲОНИИ ШОҲМОТ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар Ӯзбекистони Нав, дар ҳоле ки садоқат ба анъанаҳои ғании таърихӣ ҳифз мегардад, мо ба рушди шоҳмот, мисли дигар намудҳои варзиш эътибори алоҳида медиҳем, дар асоси принсипи «аз оммавият – ба ҳирфавият», аз ҳалқаи аз ҳама поён – маҳалла то муассисаҳои таълимӣ ҳамин тавр мебошад. Дар ин самт низоми ягонаи тарбияи насли нави истеъдодҳо ташаккул меёбад.

Имрӯз дар мамлакат беш аз 2 миллион нафар бо шоҳмот машғул мебошад, теъдоди шоҳмотбозони касбии соҳиби рейтинг беш аз 6 ҳазор аст. Бо ифтихор таъкид мекунам, ки 32 нафар шоҳмотбози ӯзбекистонӣ соҳиби унвони гроссмейстери байналхалқӣ мебошанд.

Шоистаи зикр аст, ки 5 нафар шоҳмотбози пешсафамон ба садаи якуми пурқувваттаринҳои рейтинги ҷаҳонӣ бо эътимод дохил мегарданд.

Дар рейтинги ФИДЕ мунтахаби мардонаи Ӯзбекистон дар байни 204 давлат ба мақоми ҳаштум баромад, мунтахаби занона – ба мақоми бистум.

Саҳифаи навро дар таърихи шоҳмоти миллӣ ғалабаи мунтахабамон дар Олимпиадаи 44-уми ҷаҳонии шоҳмот соли 2022, ҷоиза дар Олимпиадаи соли 2024, баромади муносиби гроссмейстерҳои соҳибистеъдодамон дар мусобиқоти бонуфуз кушоданд.

Мо хусусан бо ғалабаи гроссмейстери ҷавон Ҷавоҳир Синдоров дар Мусобиқоти муддаиён ба унвони чемпиони ҷаҳон, соҳиби Ҷоми ҷаҳон гардидани ӯ, бо медали нуқраи Нодирбек Абдусатторов дар чемпионати ҷаҳон оид ба блитс, дастоварди баланди шоҳмотбозони ҷавон дар мусобиқоти байналхалқӣ ифтихор менамоем.

Меҳмонони муҳтарам!

Ба Ӯзбекистон додани ҳуқуқи қабули Олимпиадаи 46-уми ҷаҳонии шоҳмотро мо чун нишони боварии баланди ҷамъияти байналхалқии варзиш ба мамлакатамон медонем.

Бовар дорам, ки олимпиадаи Самарқанд дар фазои муборизаи бемуроса, маданияти баланди варзишӣ, бо адолат ва эҳтироми ҳамдигар баргузор гардида, ба ҷаҳон чемпионҳои навро ҳадя мекунад ва истеъдодҳои дурахшони навро ифшо месозад.

Ғайр аз ин, дар ин ҷо тамоми шароити ногузир барои дар сатҳи баланд баргузор намудани Паролимпиадаи сеюми шоҳмот ва Конгресси 97-уми ФИДЕ фароҳам оварда шудааст.

Ба роҳбарият ва ҷамоаи Федератсияи байналхалқии шоҳмот (ФИДЕ), тамоми муассисаҳо-шарикон барои кори бузурги ташкилӣ ва дастгирии амалӣ, ҳамкории мустаҳкам миннатдории самимӣ изҳор менамоям.

Бовар дорам, ки чунин анҷуманҳои бузурги варзишӣ ба мустаҳкам гардидани дӯстӣ ва ҳамбастагии байни халқҳои ҷаҳон хидмат менамоянд. Муҳим аст, ки онҳо ба минбаъд оммавӣ гардидани шоҳмот дар Ӯзбекистон, баланд бардоштани зарфияти зеҳнии насли ҷавон ва нуфузи мамлакатамон дар арсаи байналхалқӣ саҳми муносиб мегузоранд.

Дӯстони азиз!

Бовар дорам, ки ин мусобиқоти доманфарох барои халқи мо, хусусан ҷавонон, ҷашни калон, мактаби маҳорат мегардад, барои мустаҳкам гардидани нуфузи байналхалқии Ӯзбекистон чун мамлакати дӯстӣ ва ҳамкорӣ мусоидат менамояд.

Олимпиадаи мазкур ба тамоми ҷавononи ҷаҳон равшан намоиш медиҳад, ки ояндаи ягонаи инсоният на бо нирӯ, балки бо хирад ва дониш, на бо душманӣ, балки бо дӯстӣ ва ваҳдат, на бо бетафовутӣ, балки бо азми шарафманд бунёд мегардад.

Муҳтарам иштирокдорони маросими мутантан, варзишгарон, собиқадорон, устодон ва мураббиён, шумо хуб медонед, ки варзиш молики чӣ гуна намунаи олӣ ва қувваи бузург аст.

Ба шумо, азизон, ба ҳамаи иштирокдорони фаъоли чунин кори бомасъулият ва ифтихорӣ тансиҳатии комил, ба ҷамоаҳо пирузӣ ва дастовардҳо, ба кори Конгресс муваффақият орзу дорам.

Ба Ӯзбекистон хуш омадед!

Шавкат МИРЗИЁЕВ,
Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

ЎЗБЕКИСТОН – КОРЕЯ: ТАШАББУСҲОИ НАВИ МУТТАҲИДКУНАНДАИ ИМКОНИЯТҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Пешниҳод гардид, ки масъалаи таъсиси Маркази истеҳсол ва озмоиши нимноқилҳо ва маводи нав мавриди омӯзиш қарор дода шавад.

Таъмини иштироки фаъоли Институти геология ва захираҳои минералии Корея ва Институти металлҳои нодири Корея дар татбиқи ин лоиҳаҳо муҳим арзёбӣ гардид.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар доираи сафар ба шаҳри Сеул бо президенти стратегии «Hyundai Motor Group» Ким Сон, ноиби калони президенти «KiA Motors» Чо Сан Ун ва раиси Шӯрои директорони «Hyundai Rotem» Ли Ён Бэ мулоқот анҷом дод.

Саҳми гурӯҳи ширкатҳо дар рушди соҳаҳои автомобилсозӣ ва нақлиёти Ӯзбекистон баланд арзёбӣ гардид. Масъалаҳои васеъ намудани истеҳсолот дар кластери автомобил, ки дар Ҷиззах таъсис ёфтааст ва афзунсозии сатҳи маҳаллисозии қисмҳои автомобил баррасӣ шуданд.

Роҳандозӣ гардидани занҷираи пурраи истеҳсоли автомобилҳои «Kia» ва афзудани ҳаҷми содирот бо қаноатмандӣ қайд гардид. Ба масъалаҳои оғоз намудани истеҳсоли тамғаҳои нави автомобил ва ба кор даровардани коргоҳи прессонӣ диққати махсус дода шуд. Инчунин дурнамои роҳандозии васлу насби автомобилҳои барқӣ ва гибрид баррасӣ гардид.

Қатораҳои баландсуръати «Hyundai Rotem» дар хатсайри Тошканд – Хива ба ҳаракат оғоз намуда, вақти сафарро ду баробар коҳиш доданд. Масъалаи таҳвили қатораҳои иловагӣ аз ҷониби ширкат низ мавриди муҳокима қарор гирифт.

Зарурати таъсиси маркази хидматрасонии «Hyundai Rotem» дар мамлакат, маҳаллисозии истеҳсоли қисмҳои эҳтиётӣ, инчунин омӯзиши масъалаи истеҳсоли магнит барои муҳаррикҳои барқӣ таъкид гардид.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар доираи сафар ба шаҳри Сеул раиси ширкати «Shinhan Financial Group» Чжин Ок Донро қабул кард.

Зимни мулоқот масъалаҳои тавсеаи ҳамкориҳои молиявӣ, инчунин, такмили инфрасохтор, татбиқсозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои энергетикаи барқароршаванда ва саноат баррасӣ шуданд.

Имзои созишнома дар бораи ҷудо намудани хатҳои кредитӣ ба бонкҳои тиҷоратии Ӯзбекистон бо мамнуният қайд гардид. Ба масъалаи таъсиси шуъбаи бонки «Shinhan Bank» дар мамлакат диққати махсус дода шуд.

Ҷонибҳо манфиатдории худро аз ҷалби воситаҳои нави маблағгузорӣ ва кредитҳои «сабз», инчунин рушди бонкинги рақамӣ ва роҳандозии ҳалли махсуси молиявӣ барои тиҷорати хурду миёна иброз намуданд.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар доираи барномаи тиҷоратии сафар ба Ҷумҳурии Корея бо директори генералии иҷроияи Корпоратсияи «KIND» Ким Бок Хван мулоқот анҷом дод.

Дар мулоқот масъалаҳои тавсеаи ҳамкорӣ дар бахши рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва иҷтимоии мамлакат баррасӣ шуданд. Ҷонибҳо таъсиси платформаи муштараки сармоягузориро истиқбол намуданд.

Дар доираи лоиҳаи таъсиси биокластери нави илмиву саноатӣ ташаккули экосистемаи ягона, ки илм, саноат ва технологияҳои муосирро ба ҳам мепайвандад, муҳим арзёбӣ гардид.

Ҷонибҳо зарурати таҳияи нақшаи генералии рушди ҳудуди атрофи Фурудгоҳи нави байналмилалии Тошкандро қайд намуда, таъкид карданд, ки дар он фурудгоҳ, марказҳои пешрафтаи логистикӣ ва инфрасохтори манзилӣ бояд ба низоми ягона муттаҳид карда шаванд.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар доираи сафар ба Ҷумҳурии Корея бо иҷрокунандаи вазифаи президенти «Incheon International Airport Corporation» Ким Бом Хо мулоқот кард.

Раванди татбиқсозии лоиҳаҳои навсозии Фурудгоҳи байналмилалии Урганҷ ва сохтмони Фурудгоҳи нави байналмилалии Тошканд баррасӣ шуданд.

Нақшаи «Incheon International Airport Corporation» ҷиҳати ифтитоҳи намояндагии худ дар шаҳри Тошканд дастгирӣ ёфт. Дар заминаи он пешниҳоди таъсиси Маркази салоҳиятҳо оид ба идоракунии фурудгоҳҳо, рақамикунонӣ ва омодасозии кадрҳо ба миён гузошта шуд.

Ҷониби Корея омодагии худро барои идомаи иштироки фаъол дар татбиқсозии лоиҳаҳои муштарак, ҷорӣ намудани таҷриба ва технологияҳои пешрафта дар соҳаи идоракунии фурудгоҳҳо, инчунин густариши шарикии дарозмуҳлат бо Ӯзбекистон таъкид намуд.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев зимни сафари давлатӣ ба Ҷумҳурии Корея бо ҳамватанонамон, ки дар ин кишвар кору фаъолият доранд ва таҳсил мегиранд, мулоқот намуд.

Дар рафти суҳбати самимӣ дар фазои ғайрирасмӣ масъалаҳои марбут ба амалисозии ислоҳот дар Ӯзбекистони Нав ва саҳми ҳамватанон дар татбиқи фаъолонаи онҳо баррасӣ гардиданд.

Иштирокдорони воҳӯрӣ ҷиҳати густариши робитаҳои Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Корея дар соҳаҳои иқтисод, илму фан ва таълим як қатор пешниҳодҳои муҳимро ба миён гузоштанд.

Ба масъалаҳои ҳамгироии зеҳни сунъӣ ва технологияҳои рақамии Корея ба соҳаҳои муҳими иқтисодиёти миллӣ ва низоми идоракунии давлатӣ, пешбурди роҳҳалҳои инноватсионӣ дар соҳаҳои тиб, нақлиёт, гумрук ва сайёҳӣ, рушди босуръати низомҳои миллии пардохт ва платформаҳои интиқоли маблағ, инчунин омода намудани мутахассисон дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ диққати махсус зоҳир гардид.

Ҳамчунин оид ба амиқтар намудани робитаҳои фарҳангиву гуманитарӣ пешниҳодҳои мушаххас баён шуданд. Бахусус, ба густариши шабакаи марказҳои фарҳангии Ӯзбекистон дар Ҷумҳурии Корея, рушди барномаҳои бозомӯзии забони ӯзбекӣ, баргузории чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ дар қаламрави ду мамлакат, инчунин тарҷумаи намунаҳои адабиёти классикии ӯзбек ба забони корейсӣ диққати махсус дода шуд.

Сарвари давлат ба ҳамватанон барои саҳми арзандаашон дар рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар изҳори сипос намуда, таъкид кард, ки ҳар як ташаббуси онҳо ҳамаҷониба омӯхта шуда, лоиҳаҳои муҳимтарин ҳамаҷониба дастгирӣ хоҳанд ёфт.

Роҳбари Ӯзбекистон ба профессорҳо, соҳибкорон, фаъолон ва донишҷӯёни иштирокдори мулоқот дар таҳсилу фаъолияти касбӣ комёбиҳо орзу намуда, махсусан таъкид кард, ки давлат ҳамеша ба муколама бо онҳо барои фароҳам овардани шароити зарурӣ ҷиҳати татбиқи иқтидори созандагӣ омода аст.

Ҳамзамон, иштирокдорони мулоқот ба Президенти кишвар барои таваҷҷуҳи хосса ба ҷавонон ва фароҳам овардани имкониятҳои нав ҷиҳати амалӣ намудани орзуву ниятҳои онҳо самимона сипосгузорӣ намуда, гуфтанд, ки ҳамеша барои сафарбар кардани дониш, неру ва ғайрати худ дар роҳи ободиву пешрафти Ватан омода ҳастанд.

Сафари Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Ҷумҳурии Корея идома дорад.

ЎзА.

Моҳи огоҳӣ аз сӯхтор

ИЛОҶИ ВОҚЕЪА – ҲАМЕША ПЕШ АЗ ВУҚӮЪ



Дар солҳои охир перомуни сар задани сӯхторҳои ногаҳонӣ ва ҳалокати одамону ҷароҳат бардоштани чанд тани дигар дар вилояти Фарғона хабарҳои гуногун ба нашр мерасанд, ки мақомоти ҳолатҳои фавқулодаи вилоятро ба нигаронӣ водор кардааст.

Ҷиҳати пешгирӣ аз сӯхтор ва ҳаводиси дигари ногувори марбут ба ҳолатҳои фавқулода миёни мардум корҳои зиёди фаҳмондадиҳӣ ба роҳ монда шудаанд. Аммо мутаассифона дар натиҷаи бемасъулиятии ин ё он аъзои хонавода ва ё масъулони иншооти маданиву маърифатӣ ва маишӣ дар ин ё он минтақаи вилоят сӯхтор ба амал меояд, ки дар пай хисороти ҷониву молӣ низ дорад.

Агар бевосита ба мисолҳо мурочиат кардан бошем, шоми 16 июни соли равон дар яке аз чойхонаҳои воқеъ дар маҳаллаи Сойбуйи ноҳияи Ёзёвон сӯхтори шадид рух дода, бино ба маълумоти дафтари матбуоти Ситоди ҳолатҳои фавқулодаи вилоят, бар асари сӯхтор як бинои ғайриистиқоматӣ ва се мошини сабукрав сӯхта, 2 нафар ҷон бохтаанд ва 3 нафар ҷароҳати вазнин гирифтаанд.

Ҳодисаи дигари сӯхтор дар як қаҳвахонаи караоке воқеъ дар таҳҳонаи бинои чорошёнаи кӯчаи Сайилгоҳи шаҳри Фарғона рух дода, боиси ҳалокати 6 нафар ва маҷрӯҳ шудани 7 нафари дигар шудааст. Бо супориши Президент, барои тафтиши ҳодиса ва расонидани кумак ба осебдидагон таҳти роҳбарии муовини Сарвазир А. Раматов комиссияи ҳукуматӣ таъсис дода шудааст.

Аммо ҷиҳати пешгирӣ аз чунин ҳолатҳои ногувор чӣ бояд кард? Ба ин суол ба масъулини Ситоди ҳолатҳои фавқулодаи вилоят мурочиат кардем.

Тавре масъули дафтари матбуоти ситод Сардор Аббозов гуфт, фақат чорабиниҳои пешгирикунанда омили муҳим барои рух надодани ҳолатҳои сӯхтор ва хисороти ҷониву молӣ мебошад.

– Дар доираи «Моҳи огоҳӣ аз сӯхтор – моҳи тадобири фаромиллӣ» идораи вилоятии ҳолатҳои фавқулода барои пешгирӣ намудани сӯхтор ва таъмини амну осудагии аҳолӣ чорабиниҳои мушаххас меандешад. Бо наздик шудани мавсими тирамоҳу зимистон, масъалаи бехатарии сӯхтор дар манзил, иншооти иҷтимоӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ рӯз аз рӯз муҳимтар мегардад, – изҳор дошт Сардор Аббозов.

Ҳангоми рух додани сӯхтор, яке аз вазифаҳои муҳимтарини кормандони соҳа на танҳо бартарафкунии оқибатҳои он, балки муайян ва бартараф кардани омилҳое мебошад, ки боиси сар задани сӯхтор мегарданд.

Аз ин нуқтаи назар, дар давоми моҳ дар ҳамкорӣ бо «Ҳафтгонаи маҳалла» ва ҳадамоти дахлдор дар шаҳру ноҳияҳо чорабиниҳои пешгирикунандаи «аз рӯи ҳар маҳалла» ва «аз рӯи ҳар манзил» гузаронида мешаванд. Таваҷҷуҳи асосӣ дар ин ҷо на танҳо ба давр зада баромадани хонаҳои мардум, балки ба муайян кардани мушкилоти мавҷуда, омӯзиши сабабҳои сар задани сӯхтор ва бартараф кардани омилҳои он дар ҳар ҷое, ки вуқӯъи он имконпазир аст, равона карда шудааст. Яъне, ҳар як чораи андешидашуда ҳамчун воситаи кам кардани хатар ва нақоти ҳаёти инсон ҳисобида мешавад.

Бино ба гуфтаи масъули дафтари матбуоти ситод дар баробари талаботи техникӣ, омили инсонӣ низ дар пешгирии сӯхтор нақши муҳим мебозад. Ба гуфтаи ӯ беэҳтиётии одӣ – беназорат гузоштани таҷҳизоти барқӣ, истифодаи нодурусти таҷҳизоти газ ё истифодаи фишанги вайроншуда метавонад боиси талафоти калон гардад.

Аз ин рӯ, дар байни аҳолӣ пиёда кардани корҳои огоҳсозӣ оид ба пешгирии сӯхтор, захролудшавӣ аз гази карбон ва ифлосшавии ҳаво беш аз пеш вусъат пайдо кардааст.

– Муҳим аст, ки шаҳрвандон танҳо ба гуфтани «ин корро накунед» маҳдуд нашаванд. Ба онҳо инчунин малакаҳои амалӣ – чӣ гуна амал кардан дар ҳолати фавқулода, чӣ гуна аввал худ ва дигаронро ба минтақаи бехатар кӯчонидан ва чӣ гуна бо хадамоти ёрии таъҷилӣ тамос гирифтан омӯзонида мешаванд. Ин яке аз шартҳои муҳимтарини ташаккули фарҳанги бехатарӣ дар ҷомеа мебошад, – мегӯяд Аббозов.

Яке аз самтҳои муҳим дар доираи «Моҳи огоҳӣ аз сӯхтор» омодагии фонди манзил ба мавсими тирамоҳу зимистон мебошад. Санҷиши ҳолати техникии дастгоҳҳои гармдиҳӣ, тачҳизоти газӣ, дегҳои гармидиҳӣ, дудкашҳо ва каналҳои вентилятсия дар манзилҳо ва ҳамоҳангсозии бартарафсозии мушкилоти ошкоршуда ба нақша гирифта шудааст.

– Ба назари Шумо дар кадом иншоот омилҳои сар задани сӯхтор бештар ба назар мерасанд?

– Ҳар як тарабхона, чойхона, ҷойҳои барои фароғату истироҳати мардум муқаррашуда ва амсоли ин метавонанд барои сар задани сӯхтор омили асосӣ ба шумор раванд. Аммо мо чораҳои пешгирикунандаро танҳо бо чунин ҷойҳо маҳдуд намекунем.

Дар назар аст, ки дар муассисаҳои иҷтимоӣ, бахусус дар ҷойҳое, ки одамон шабро рӯз мекунанд, чораҳои муассири пешгирикунандаро ба роҳ монем. Зеро агар дар чунин муассисаҳо сӯхтор ба амал ояд, вазъият метавонад боз ҳам мураккабтар гардад. Аз ин рӯ, риояи талаботи бехатарӣ, бартараф кардани камбудиҳои ошкоршуда ва назорати доимии омодагии кормандон ба ҳолатҳои фавқулода хеле зарур мебошад.

Ба таъкиди ҳамсуҳбати мо масъалаи бехатарии сӯхторро танҳо ҳамчун вазифаи мақомоти вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода баррасӣ кардан он қадар дуруст нест. Ин масъулияти умумии ҳар як шаҳрванд, ҳар як оила, ҳар як роҳбари ташкилот ва ҷомеа мебошад.

– Бехатарии ҷони худи кормандони сӯхторхомӯшкунӣ чӣ гуна таъмин мегардад?

– Ҳар як корманд, пеш аз ҳама, бояд худ эҳтиёткор бошад ва зимни иҷрои вазифа ҷони худро дар хатар нагузорад. Кормандони соҳа дар ин самт бо кумаки мутахассисони варзида аз тамринҳо мегузаранд ва малакаҳои касбии худро такмил медиҳанд. Ҷанбаҳои ҳуқуқии таъмини бехатарии онҳо низ мавҷуданд ва дар сурати зарурат аз он истифода мешавад.

Сардор Аббозов дар идомаи суҳбат аз он ёдовар шуд, ки дар ҳама ҳолат беэҳтиётӣ метавонад ба ҷони инсон ва ҳатто амволе, ки дар тӯли солҳо ҷамъ шудааст, зарар расонад. Аз ин рӯ, «Моҳи огоҳӣ аз сӯхтор – моҳи тадобири фаромиллӣ»-ро на ҳамчун як чорабинии якдафъаина арзёбӣ кард, балки онро ҳамчун як раванди муҳими таблиғотӣ ва пешгирикунанда низ унвон намуд.

Вай ба мисолҳое низ таваҷҷуҳи моро ҷалб намуд, ки дар ин моҳ бевосита ба огоҳ намудани аҳолии вилоят нигаронида шудаанд.

Таҳти роҳбарии сардори Садорати ҳолатҳои фавқулодаи вилоят Б. Алимов нахуст вазъияти бехатарии сӯхтор дар мактаби таҳсилоти умумии махсуси рақами 10, воқеъ дар ноҳияи Фарғона аз назар гузаронида шуд. Сипас, осоишгоҳи «Чимён» – яъне маконеро мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор дод, ки шабона низ он ҷо одамон истироҳат мекунанд. Маълум шуд, ки Б.Алимов ба кормандони идораи ҳолатҳои фавқулода оид ба роҳҳои пешгирӣ аз вазъияти истирорӣ маслиҳату тавсияҳо додааст.

Мирасрор АҲРОРОВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик».

Вилояти ФАРҒОНА.

ҲИФЗИ ҚАБАТИ ОЗОН – МАСЪУЛИЯТИ ЭКОЛОГИИ ИНСОНИЯТ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ҳифзи қабати озон бо мубориза зидди дигаргуниҳои иқлим алоқаманд аст. Аз ҳамин сабаб, аз онҳо марҳила ба марҳила рӯ гардондан на фақат ба барқароршавии қабати озон, балки ба ҳифзи иқлими глобалӣ низ таъсири мусбат мерасонад.

Ҳоло гузаштан ба технологияи бехатари экологии хунуккунӣ, истифодабарӣ аз сохторҳои самараноки энергия ва ҷорӣ кардани стандартҳои экологии муосир вазифаи муҳим аст. Ҳифзи қабати озони стратосфераи Замин ташаббуси муҳими байналмилалӣ буда, вазифаҳои он дар конвенсияи Вена «Дар бораи ҳифзи қабати озон» моҳи марти соли 1985 тасдиқ шудааст. Ӯзбекистон Конвенсияи Венаро моҳи майи соли 1993 ратификатсия кардааст. Ин масъала аз ҷониби мамлакатҳои ҳамҷамъияти дунё омӯхта шуда, 16 сентябри соли 1987 оид ба масъалаи глобалии ҳифзи қабати озон ҳуҷҷати муҳим арзи вуҷуд кард.

Моддаҳои 19 ва 20-и қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи ҳифзи ҳавои атмосфера» ба масъалаҳои қабати озон бахшида шудааст.

Ҳифзи қабати озон вазифаи фақат созмонҳои байналмилалӣ, идораҳои давлатӣ, ё ки корхонаҳои саноатӣ нест. Дар ин ҷараён маданияти экологии ҳар як шаҳрванд аҳамият дорад.

Пешгирӣ кардани ба атмосфера хориҷ шуда рафтани моддаҳои хунуккунии воситаҳо аз ҷумлаи чорабиниҳои муҳиманд. Инчунин интихоб кардани маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ бехатар, сарфаю сариштакорона истифода бурдани захираҳои энергия, ҷобаҷогузории дурусти партов ва муносибати эҳтиёткорона ба табиат қисми ҷудонашавандаи масъулияти умумиэкологист.

Ба ҷавонон дар бораи аҳамияти қабати озон дар ҳаёти инсон, сабабҳои маҳвгардии он, аҳамияти ҳифзи табиат маълумот дода, шууру масъулияти онҳоро нисбати экология боло бардоштан мумкин аст. Зотан маданияти экологии имрӯза асоси муҳити солими фардо мебошад.

16 сентябр – Рӯзи байналмилалии ҳифзи қабати озон ин санаи хушку холӣ набуда, балки тадбири экологиест, ки инсониятро ба дарки масъулият назди табиат водор месозад.

Ҳифзи қабати озон ин ҳифзи саломатии инсон, табиат ва авлоди оянда аст. Дар ин бобат бояд ҳар яки мо саҳм гузорем.

Нодир ИБОДОВ,
мудири шуъбаи Садорати экология ва тағйирёбии иқлими вилояти Бухоро.

Аз ҳаёти маҳалла

ДАР РОҲИ ОБОДОНӢ



Маҳалла – маскани муқаддасест, ки дар он арзишҳои азалии халқи мо, меҳру оқибат, ҳамбастагӣ, кумаки мутақобила ва қадри инсон таҷассум ёфтаанд. Раиси маҳалла бошад, саввари ин оилаи бузург ва шахси масъулест, ки шодиву ташвиши аҳолиро ба қалбаш наздик қабул карда, метавонад одамонро дар роҳи як мақсад муттаҳид созад. Раисӣ танҳо як вазифа нест. Он боварии бузург, масъулияти баланд, сабру тоқат ва маҳорати кор бо одамонро талаб мекунад. Махсусан, дар маҳалла ҳар як хонадон ташвиш, мушкилот ва орзую умеди худро дорад. Аз ин рӯ, барои роҳбари маҳалла наздик бо халқ будан, ба дарди одамон гӯш додан, ҷустуҷӯи ҳалли мушкилот ва ноил шудан ба натиҷаи амалӣ аз вазифаҳои муҳимтарин ба шумор меравад.

Раиси маҳаллаи «Кӯл»-и шаҳри Самарқанд Ҳикматилло Ҷумъаев яке аз чунин роҳбарone мебошад, ки ин вазифаи масъулиятнокро солҳои зиёд бо дилу ҷон иҷро карда, бо меҳнат ва корҳои амалии худ боварии халқро сазовор шудааст.

Ҳикматилло Ҷумъаев – ҳуқуқшинос. Оиладор, чор фарзандро тарбия карда, ба воя расонидааст. Фаъолияти меҳнатии ӯ соли 1983 дар Сарраёсати корҳои дохилии вилояти Самарқанд оғоз ёфтааст. Фаъолият дар ин соҳа ӯро ҳамчун мутахассиси боинтизом, серталаб, масъулиятшинос ва дорои тафаккури бой дар кор бо одамон шакл дод. Ӯ дар низоми корҳои дохилӣ зиёда аз 30 сол дар вазифаҳои гуногуни роҳбарӣ меҳнат кард. Дар давоми ин солҳо бевосита бо масъалаҳои ниҳоят масъулиятнок, аз қабили тақдири инсон, волоияти қонун, тартиботи ҷамъиятӣ ва осоиштагӣ машғул шуд.

Соли 2019 Ҷумъаев дар интихоботи раиси маҳаллаи «Кӯл»-и шаҳри Самарқанд иштирок намуда, боварии аҳолиро сазовор гашт. Аз рӯзҳои аввали фаъолияти раисӣ, ӯ ба ободонии маҳалла, фароҳам овардани шароити муносиб барои аҳолӣ, таъмири кӯчаҳо, беҳтар намудани шабакаҳои муҳандисию коммуникатсионӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуд. Дар натиҷа, корҳое, ки дар давоми солҳо марҳила ба марҳила амалӣ карда шуданд, қиёфаи маҳаллаи «Кӯл»-ро ба таври назаррас дигаргун сохтанд.

Имрӯз вақте дар бораи корҳои амалишуда дар маҳаллаи «Кӯл» сухан меравад, пеш аз ҳама, ободии кӯчаҳо ба чашм мерасад. Кӯчаҳои асосӣ ва дохилии ҳудуд асфалт ва бетонпӯш шуданд. Ин корҳо мушкилоти аҳолиро, ки дар мавсими тирамоҳу зимистон ба миён меомаданд, ба таври назаррас кам намуданд. Таъмир ва бо сутунҳои бетонӣ иваз кардани симчӯбҳои корношоям, инчунин насб кардани чароғҳои шабона дар кӯчаҳо на танҳо намуди зоҳирии маҳалла, балки бехавфӣ ва амнияти аҳолиро беҳтар сохт. Корҳои ободонӣ танҳо бо кӯчаҳо маҳдуд нагардиданд. Ҳавз ва бошишгоҳи маркази маҳалла аз нав таъмир карда шуданд. Ин масканҳо ба яке аз ҷойҳои муҳими истироҳат, суҳбату вохӯрии сокинони маҳалла ва мазмуннок гузаронидани вақти куҳансолон табдил ёфтанд.

Канали Сиёбча, ки аз ҳудуди маҳалла мегузарад, низ ҳамеша дар маркази диққат қарор дорад. Мунтазам тоза кардани канал ва дар атрофи он амалӣ намудани корҳои ободонӣ барои беҳтар кардани ҳолати санитарии ҳудуд хидмат мекунад. Дар айни замон дар қисмати 130-метрии каналы Сиёбча бурдани корҳои азнавсозӣ низ яке аз корҳои амалиест, ки ба боз ҳам беҳтар намудани инфрасохтори ҳудуд нигаронида шудааст. Корҳо дар ин самт инчунин барои баланд бардоштани маданияти экологии аҳолии маҳалла, ҳифзи атрофи муҳит ва боз ҳам зеботар кардани ҳудуд хидмат мекунанд.

Ҳавзи куҳнаи ҳудуди қабристони «Чилдухтарон»-и маҳалла бо об пур карда шуда, дар ин ҷо барои пиёдагардҳо пайроҳаҳо сохта шуданд. Дар ҳудуди қабристон корҳои ободонӣ ва кабудизоркунӣ мунтазам амалӣ карда мешаванд. Ин корҳо, аз як тараф, ҳолати санитарӣ ва ободии ҳудудро беҳтар созанд, аз тарафи дигар, ифодаи амалии ҳурмати баланд ба хотири аҷдодон мебошанд.

Нақши ҷавонон дар ҳаёти маҳалла беқиёс аст. Дар фаъолияти Ҷумъаев ба масъалаҳои мазмуннок ташкил намудани вақти холии ҷавонон, ҷалби онҳо ба варзиш ва ташаккули муҳити солим дар маҳалла низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Дар доираи барномаи «Бучаи шаффоф» амалӣ гардидани корҳои азнавсозӣ дар майдони футболи маҳалла яке аз натиҷаҳои амалии ин таваҷҷуҳ аст. Бо мақсади боз ҳам такмил додани ин иншооти варзишӣ ва табдил додани он ба маҷмааи варзишие, ки ба талаботи замон ҷавобгӯй бошад, корҳо давом дода мешаванд. Ин барои ҷавонони маҳалла ҷиҳати машғул шудан ба варзиш, мазмуннок гузаронидани вақти холӣ ва рионяи тарзи ҳаёти солим имкониятҳои боз ҳам васеътар фароҳам меорад.

Фаъолияти раиси маҳалларо танҳо бо роҳҳо, биноҳо ва инфрасохтор баҳо додан мумкин нест. Ободии ҳақиқии маҳалла, пеш аз ҳама, бо кайфият, хотирҷамъӣ ва ҳифзи иҷтимоии инсонҳое, ки дар он зиндагӣ мекунанд, муайян карда мешавад. Аз ин нуқтаи назар, дар маҳаллаи «Кӯл» ба оилаҳои ниёзманди ҳимояти иҷтимоӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Ба оилаҳои камбизоат сарпарастони алоҳида вобаста карда шуда, ба онҳо кумакҳои моддӣ ва амалӣ расонида мешаванд. Аз ҳоли оилаҳои камтаъмин, бесарпараст, кӯдакони маъюб ва пиронсолон мунтазам хабар гирифта шуда, ба онҳо дар шаклҳои гуногун кумак пешниҳод мегардад. Ин гуна корҳо муҳити мехру оқибат ва ҳамбастагиро дар маҳалла боз ҳам мустаҳкамтар месозад.

Таҷрибаи чандинсолаи Ҳикматилло Ҷумъаев ҳамчун ҳуқуқшинос дар самти пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар маҳалла ва ташаккули муҳити солим дар оилаҳо низ ба кор меояд. Ҳамкории наздик бо ёрдамчии ҳоким, фаъоли занону духтарон, нозири профилактика, пешбари ҷавонон, корманди иҷтимоӣ ва нозири андоз ба роҳ монда шудааст. Тавассути гузаронидани суҳбатҳои профилактикӣ бо аҳолӣ, кори сурогавӣ бо оилаҳои мушкилдор, пешгирии низоъҳои оилавию маишӣ ва бармаҳал аниқ кардани мушкилоти занону ҷавонон пеши роҳи як қатор ҳолатҳои манфӣ гирифта мешавад.

Чанд бор – дар солҳои 2019, 2022 ва 2025 аз нав раиси маҳаллаи «Кӯл» интихоб шудани Ҳикматилло Ҷумъаев обрӯ ва боварии ӯро дар назди халқ баръало нишон медиҳад.

Муродулло ТИЛЛОЕВ,
шаҳри САМАРҚАНД.

ТАБИАТ МЕКУНАД МОРО ТАБОБАТ



(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).

Ҳангоми бемории обхӯра (истисқо)

Қисми рӯйизаминии ҳулбӯро майда карда, дар об меҷӯшонанд ва баъд бо дока соф мекунанд. Ба он каме шарбати райҳон ва ба миқдори баробар шакар илова карда, то ғафс шудан мечӯшонанд. Ин доруро ҳангоми дилбехузурӣ, қайкунӣ, бемории обхӯра истеъмол менамоянд.

Барои тоза кардани меъда

Хуб медонем, ки дар даруни кубурҳо об чӣ қадар бештар ҳаракат кунад, даруни обрав ҳамон қадар тангтар мешавад. Чунки дар об ҳам ҳар гуна намак, таҳшин ва боқимондаҳо ҳастанд. Ҳамин тавр, рагҳо, узвҳои ҳазми ғизо ва рӯдаҳои мо низ нотоза мегарданд. Дар натиҷа, баъзан худ надониста, ба бемориҳои гуногун гирифтор мешавем.

Меъдаро, ки дар ҳазми ғизо узви муҳим мебошад, чӣ гуна тоза кардан мумкин аст?

Барои ин, ҳар рӯз 3-4 грамм пудинаи саҳроӣ (ҳулбӯ)-ро кӯфта, бо об ё чой бинӯшанд, меъдаро аз партовҳои гуногун тоза мекунад.

Барои сер нигоҳ доштани меъда

Хӯрдани 10-15 дона зардолу метавонад меъдаро сер нигоҳ дорад. Он аз ҳар гуна шоколад беҳтар аст.

Ҳангоми шамолхӯрии пардаи меъда (илтиҳоби меъда)

Ҳангоми шамолхӯрии пардаи меъда нӯшидани нӯшобаи ширинбеда (қашқарбеда) тавсия мешавад. Барои ин ба 600 грамм оби хунук 10 грамм қашқарбеда, 10 грамм ҳулбӯ ва ҳамин миқдор лимӯ илова карда, оҳиста мечӯшонанд. Онро дар як рӯз 3 маҳал, 100 граммӣ пеш аз хӯрок, дар давоми 10 рӯз менӯшанд.

Ҳангоми садо баровардан (қур-қур кардан)-и меъда

Равғани гули сурх (қизилгул) ва молидани он (масҳ намудан) садои қур-қури меъдаро бартараф мекунад.

Ҳангоми варами меъда

Пояи ангури ёбоӣ (ангури сагак)-ро кӯфта, аз берун ба рӯйи меъда банданд, варами меъдаро мегардонад.

Барои шустани меъда

Барои шустани меъда ба 1 литр об 1 қошуқ сода кифоя аст.

Барои нобудсозии кирмҳои меъда

Агар 60-120 грамм хурфа (портулак, семизӯт)-ро майда карда, бо шир омехта нӯшед, кирмҳои меъдаро нест мекунад.

Ҳангоми дарди асабҳои нисфи сар (мигрен)

Сирпиёзро майда карда, ба чаккаҳои сари худ бандед.

Ҳангоми хуруҷи мигрен

Ҳангоми хуруҷи дарди асабҳои нисфи сар нӯшидани ҷӯшобаи пудина ва молидани равғани ҳулбӯ ба чаккаҳо тавсия мешавад.

Барои тайёр кардани ҷӯшоба 30 грамм барги ҳулбӯро ба 400 мл оби ҷӯш андохта, ним соат нигоҳ медоранд. Дар ҳолати гарм 1 истикон менӯшанд.

Ҳангоми сустии мизоҷ

Одамоне, ки мизоҷи суст доранд, дар ҳар се рӯз 1,75 грамм тухми кокутӣ (кийикӯти)-ро кӯфта, бо 10,5 грамм тухми харбуза, 35 грамм равғани гӯсфанд ва 70 грамм асал омехта истеъмол кунанд, нуқсонҳои ҷинсӣ бартараф мешаванд.

(Давом дорад).

Таҳияи **З. ҲАМДАМОВА, А. РӮЗИМАТОВ.**

Боиси хушнудист, ки ба шарофати сиёсати оқилона ва дурандешонаи саркори давлатамон Самарқанди бостонӣ солҳои охир боз ҳам ободу зебо гардида, ба марказҳои анҷуманҳои бонуфузи байналхалқӣ табдил ёфтааст.

ШАТРАНҶ – МЕОРАД ГАНҶ

Чанде пеш дар шаҳри Самарқанд Конференсияи XII ҷаҳонии вакилони ҷавони Иттиҳоди байнипарлумонӣ баргузор гардида бошад, имрӯзҳо оғози 46-умин Олимпиадаи ҷаҳонии шоҳмот дар мекӯбад, ки дар ин мусобиқаи бонуфуз қариб аз 200 кишвари ҷаҳон дастаҳои мунтахаб барои пирӯзӣ талош меварзанд.

Дар вилояти Самарқанд бо роҳбарии ҳокими вилоят, раиси Федератсияи шоҳмоти вилоят Адиз Бобоев ва дар ҳамкорӣ бо FIDE Кумитаи махсуси ташкилӣ таъсис ёфта, тамоми чорабиниҳо марбут ба ин мусобиқаи бонуфуз ҷараён гирифтааст.

Бо ҳамин муносибат мо ба ҳокими вилоят Адиз Бобоев сӯҳбат оростем.

– Умедворем, ки Олимпиадаи навбатии шоҳмот, ки имрӯз оғоз мегардад, дар сатҳи баланд хоҳад шуд, – гуфт Адиз Музаффарович, – зеро мо дар Маҷмааи Шаҳри абадӣ дар асоси Фармони Президент аз 8-уми майи соли 2023 «Дар бораи чорабиниҳои омодагӣ ба 46-умин Олимпиадаи ҷаҳонии шоҳмот ва ба ҳаракати оммавӣ табдил додани шоҳмот» тамоми масъалаҳои ташкилиро муташаккилона ва дар сатҳи баланд ба анҷом расондем.

Дастаи яккачини мунтахаби Ӯзбекистон дар Олимпиадаи 45-уми шоҳмот, ки дар Чинайи Ҳиндустон баргузор гардид, аз шохсуфаҳои фахрӣ ҷой гирифта, парчами мо баланд бардошта шуд. Албатта, ин муваффақият бесабаб нест. Варзиш, хосатан шоҳмот, бо дастгирии ҳукумати Ӯзбекистон ва Президенти кишвар сол ба сол рушд меёбад.

– Шахсан муносибати шумо ба ин бозии қадим ва шавқовару хотирнишин чӣ гуна аст?

– Солҳои таҳсил дар мактаби миёна ман низ рӯи тахтаи шоҳмот дона ронда, ҳатто дар чанд мусобиқа иштирок карда будам. Баъди аз зодгоҳам – Бухорои шариф ба шаҳри Тошканд омадан ва саргарми таҳсил дар мактаби олӣ шудан ба варзиш вақт намонд. Ҳоло бошад, хушбахтона фурсат пайдо мешавад, ки бо дӯстон ва набераҳо қувваозмоӣ кунем.

– Ҳоло Самарқанд ба баргузории ин мусобиқаи бонуфузи байналхалқӣ пурра омода аст. Шумо ҳамчун раиси Федератсияи шоҳмоти вилоят ба шатранҷбозони Ӯзбекистон чӣ орзу доред?

– Албатта пирӯзӣ! Воқеан дар ҳайати дастаи мунтахаб бозингарони зиёде аз Самарқанд ҳастанд.

Далели фикри ман комёбиҳои беназири гроссмейстерҳои байналхалқӣ – Ҷавоҳир Синдоров, Нодирбек Абдусатторов, Ҷаҳонгир Воҳидов, Афрузабону Ҳамдамова ва дигарон мебошанд, ки шарафи кишвари азизамонро дар олимпиадаи навбатӣ ҳимоя мекунанд. Воқеан комёбиҳои шатранҷбозони Ӯзбекистон дар диққату эътибор ва ғамхории сарвари давлат аст. Мегӯянд, ки дар хона ҳатто девор кумак мерасонад. Мо, ҳаводорони шатранҷ боварӣ дорем, ки шохсуфаҳои баланд насиби вакилони кишвари азизамон мешавад. Омад ёр бод!

Мусоҳиб
Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.

ҲУҶҶАТҲОИ ШАХСИИ МО

(Қиссаи воқеӣ)

Гоҳо баъзеи моро он чиз асабонӣ мекунад, ки нозири маҳалла, ки мехоҳад бо шаҳрвандони ҳудуди вобасташудааш шинос шавад, ҳангоми хонагардӣ бо ӯзрхоҳӣ мепурсад: дар ин манзил чанд нафар зиндагӣ мекунад, кӣ ба қайд гирифта шудаасту кӣ ҳанӯз не ва чаро?

Табиист, ки ӯ хоҳиш мекунад шиноснома ва дигар ҳуҷҷатҳоро нишон диҳанд ва ҳамзамон дар дафтарчааш қайдҳо мекунад. Хулоса, ин як тартиби оддӣ ва маъмулӣ.

Аммо, мутаассифона, инро худи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ низ эътироф мекунанд: бисёр вақт чунин санҷишҳо, муқоисаи шиноснома ҳо бо дафтари ҳавлӣ ва ҳар гуна хонагардӣ танҳо барои иҷрои расмият гузаронда мешаванд. Солҳои зиёд дар оилае, ки мо шартан Эргашевҳо меномем, низ айнан ҳамин тавр буд.

Аз панҷрӯзагӣ дар он хона духтараки дилрабое зиндагӣ мекард, ки ӯро низ шартан Наргис меномем. Ӯ дар таваллудхонаи яке аз шаҳрҳои Тоҷикистони бародар, ки он рӯзҳо дар оташи ҷанги шаҳрвандӣ месӯхт, ба дунё омада буд. Пас аз таваллуд ӯро ба Тошканд, ба яке аз маҳаллаҳои Чилонзор, назди хешованд они модараш оварданд. Ин воқеа соли 1992 рӯй дода буд.

Ҳама чиз хуб буд. Соли 1999 мисли ҳамаи ҳамсолонаш, бори аввал ба синфи якум рафт. Дар мактаб ҳам ҳама чиз хуб буд. Ӯ аъло мехонд ва ҳатто пай намебурд, ки солҳо чӣ гуна мегузаранд. Дар рӯзномааш ҳамеша баҳои баланд, дар хона дар ҷойҳои намоён дипломҳо, ифтихорномаҳо ва шаҳодатномаҳои муваффақияти ӯ дар олимпиадаву озмунҳои фаннӣ, инчунин дастовардҳои варзишӣ ва мусиқӣ. Хулоса, дар пеши ин духтари болаёқат ва зебо ояндаи дурахшон намоён буд. Зиндагии бобарор дошт ва агар як ҳодисаи ғайричашмдошт намешуд...

Баҳорон, вақте синфи нӯҳум ба охир мерасид, аз ҳамаи хонандагон хоҳиш карданд, ки шаҳодатномаи таваллуд ва нусхаи онро биёранд. Дар хонаи Эргашевҳо ҳамон рӯз саросемагӣ ба вуҷуд омаду ба ҷустуҷӯи ин ҳуҷҷати ношинос дароманданд.

– Ин боз чист? Ман ҳеҷ гоҳ чунин шаҳодатномаро надидаам! Аслан он чӣ хел мешавад? Падарат онро куҷо мондааст? – бо ваҳм мепурсид модар ва анбӯҳи коғазу расидҳои кӯҳнаро, ки аз замонҳои номаълум нигоҳ дошта мешуданд, тагурӯ мекард.

Хоҳари оромтабиаттари ӯ – холаи Наргис – дарҳол ба Русия занг зад. Падари духтарро ҳанӯз аввали соли 1992 ҳамсабақони собиқаш, ки он ҷо ҷойи хуб ёфта буданд, барои дарёфти ризқу рӯзӣ ба Русия даъват карда буданд.

Аҷибаш он буд, ки падари чилу панҷсолаи зоҳиран кордон, тоҷири муваффақ ва соҳиби чанд корхонаи сердаромади соҳаҳои гуногун дар минтақаи миёнаи Русия, ба саволи чунин ҳуҷҷати барои зиндагии духтараш зарур посухи нофаҳмо дод:

– Аз ман чӣ мехоҳед? Ман барои худи шумо пул кор карда истодаам! Барои ҳар гуна гапҳои бехуда вақт надорам, – ба телефон дод зад ӯ, гӯё бо ҳамин роҳро ба ҳамаи саволҳои минбаъда баст. – Ёд надорам, он вақт ба ин кор ман машғул набудам, ба нагузарам...

Ин буд тамомгапи саввари амалан ғоиб ва рӯирост бигӯем, бемасъулияти оила. Баъд ҳоло чӣ бояд кард: на он ду зани калонсол медонист ва на хонандаи шонздаҳсола.

Дар мактаб бошад, ҳар рӯз шаҳодатнома талаб мекарданд. Наргиси бечора, мисли моҳии хомӯш дар об, танҳо даҳон мекушоду нафас мегирифт, вале намедонист чӣ бигӯяд.

Пас аз даъватҳои такрорӣ ва ҳатто навиштаҳои илтиҷоомез на шаҳодатномаи таваллуд расид ва на яке аз волидон ба мактаб ҳозир шуд. Ниҳоят роҳбари синф маҷбур шуд худаш ба хонаи Эргашевҳо равад. Баъди суҳбат ӯ фаҳмид, ки дар ин нӯҳ сол дар паси миз хонандаи пешқадам, дӯстдоштаи омӯзгорон ва ифтихори мактабе нишастааст, ки дар тамоми умраш ҳуҷҷати тасдиқкунандаи таваллуди худро надоштааст. Ва аз ин ба даҳшат афтод.

Роҳбари синф, ки на танҳо таҷрибаи омӯзгорӣ, балки таҷрибаи зиндагӣ низ дошт, ба ҷустуҷӯи роҳи ҳалли ин гиреҳ даромад. Аввал умед баст, ки номи кӯдак дар шиносномаи модар сабт шудааст. Ҳама якҷоя диданд – ҳеҷ сабте нест! Баъд дафтари ҳавлӣ варақгардон карда шуд. Дар он ҷо низ аз мавҷудияти Наргис дар ҳаёт нишоне набуд.

Ғайр аз ин, модар ба омӯзгор шиносномаи шаҳрвандии Русияро, ки ҳамчун шаҳрвандии собиқи Иттиҳоди Шӯравӣ онро гирифта буд, инчунин гувоҳномаи шаҳрвандии хориҷии муқими Ӯзбекистон, ба истилоҳ «иҷозаи истиқомат»-ро, ки аз ҷониби шуъбаи раводид ба бақайдгирии ноҳия дода шуда буд, нишон дод. Дар ин ҳуҷҷатҳо низ ишорае набуд, ки ӯ духтар дорад.

Умеди охирин ин буд, ки шояд маълумот дар бораи духтар дар бойгонии шуъбаи шиносномадиҳии ноҳия нигоҳ дошта шавад. Аммо аз рафтани омӯзгори бовичдон, ки қарор дода буд корро то натиҷаи мантиқӣ расонад, ҳамроҳи модари Наргис ба ин муассисаи давлатӣ низ мурод ҳосил нашуд: он ҷо ҳам аз духтар ҳеҷ асноде набуд.

Ба ҷойи ин ногаҳон маълум гардид, ки оила тақрибан шаш сол пас аз омадан ба Тошканд дар сурағаи ҳозира ба қайд гирифта шудааст. Ғайр аз ин, таваҷҷубовар он буд, ки бақайдгирӣ бе варақаи омадан анҷом ёфтааст, ки худ вайронкунии ҷиддии дастурамали бақайдгирии шаҳрвандони хориҷӣ дар маҳалли истиқомат аст.

Роҳбари синф ҳамаи инро ба директори мактаб нақл кард. Машваратҳо бо шуъбаи маорифи ноҳия, раёсати маорифи шаҳр ва дигар сохтору идораҳои Вазорати маорифи халқ оғоз шуданд. Суҳбатҳо маълулан дар бораи он мерафт, ки ба Наргис чӣ гуна ҳуҷҷати дахлдори таҳсилоти мактабӣ дода шавад.

Маълум буд, ки тибқи дастурамалҳои мавҷуда бе шиноснома ин кор имкон надорад. Танҳо дар сурате, ки хонанда ҳанӯз ба синни шонздаҳ нарасида бошад, шаҳодатномаи хатми мактабро бо пешниҳоди шаҳодатномаи таваллуд додан мумкин буд. Дигар роҳро санадҳои меъёрӣ пешбинӣ намекарданд.

(Давом дорад).

Раҳимҷон СУЛТОНОВ.



Дар остонаи 35-умин солгарди истиқлоли кишварамон дар вилояти Навоӣ як қатор иншооти иҷтимоӣ ва зербиноӣ ба баҳрабардорӣ супурда мешаванд. Яке аз чунин тарҳҳо хобгоҳи нави донишҷӯён бо зарфияти 400 нафар аст, ки дар Донишгоҳи давлатии кӯҳкорӣ ва технолгияҳои Навоӣ бар пояи шарикии давлат ва бахши хусусӣ бунёд шудааст.

Дар хобгоҳи нави донишҷӯён барои зиндагӣ, таҳсил ва истифодаи пурмазмун аз вақти фарогати ҷавонон шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст. Утоқҳои бароҳат, тачҳизоти муосир ва ҷойҳои умумии истифода ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки зиндагии рӯзмарраи худро ба таври муассир ба роҳ монанд.

Ба баҳрабардорӣ расидани хобгоҳи нави донишҷӯён шароити мусоидро барои ҷавонон дар донишгоҳ боз ҳам густариш дода, барои таҳсили босифат ва рушди ҳамаҷонибаи онҳо имкониятҳои иловагӣ фароҳам оварад.

Аксбардор: Сироҷ АСЛОНОВ (ЎзА).

Ба муносибати 115-солагии Сотим Улуғзода

ДАР ҲОШИЯИ РОМАНИ «ВОСЕЪ»

Романи «Восеъ», ки ба қалами нависандаи бузург ва устоди насри тоҷик Сотим Улуғзода тааллуқ дорад, яке аз дурдонаҳои дурахшони адабиёти муосири мо ба шумор меравад. Ин асар на танҳо як қиссаи таърихӣ, балки достони пурсӯзу гудози мардонагӣ, озодихоҳӣ, ишқ ба Ватан ва муборизаи беамони некӣ бар зидди бадӣ мебошад. Сотим Улуғзода бо забони ниҳоят ширин, фасеҳ ва дар айни замон содаву оммафаҳм тавонистааст саҳифаи хунину қаҳрамононаи таърихи халқи тоҷик – шӯриши деҳқонони Балҷувонро дар соли 1885 таҳти роҳбарии Восеи паҳлавон чунон зинда ва табиӣ тасвир кунад, ки хонанда аз саҳифаи аввал то охир бо қаҳрамонон ҳамнафас шуда, дарду ранҷ ва шодиву ғурури онҳоро бо тамоми вуҷуд эҳсос мекунад.

Роман моро бо охирҳои асри нуздаҳум, ба замони ҳукмронии Аморати Бухоро мебарад. Дар ин давра халқи заҳматкаши тоҷик дар зери зулми дугона – аз як тараф амирони маҳаллӣ ва аз тарафи дигар низоми феодалии бераҳм қарор дошт. Фазои роман аз тасвири зиндагии тоқатфарсои деҳқонони кӯҳистони Хатлон, бахусус минтақаҳои Балҷувон, Ховалинг ва Кӯлоб оғоз мешавад. Улуғзода бо маҳорати баланди нависандагӣ мусаввирона манзараҳои зебои табиати кӯҳистонро дар мукобили зиндагии фақирона ва пур аз дарди сокинони он мегузорад. Деҳқонон аз саҳар то шом дар заминҳои санглоху лалмӣ бо арақи ҷабин қути лоямут пайдо мекарданд, аммо ҳосили бадастовардаи онҳоро амалдорони амир – бекҳо, амлокдорон, закотчиён ва миробон бо баҳонаҳои гуногун ғорат мекарданд. Дар он замон андозҳо чунон зиёд ва камаршикан буданд, ки деҳқон баъди супоридани хироҷи замин, закоти мол, пули алаф, пули дуд, пули кафши амлокдор ва даҳҳо навъи дигари андоз, барои оилаи худ ҳатто як мушт гандум боқӣ намегузошт. Зулму истибдод ба ҳадди ниҳоӣ расида буд. Халқ дар ҳолати ноумедӣ, гуруснагӣ ва тарсу ҳарос зиндагӣ мекард. Маҳз дар ҳамин фазои торик ва пур аз фишор, зарурати зуҳури як наҷотбахш – марди ҷасур ва нотарс ба миён меояд, ки садои хуфтаю пахшшудаи мардумро ба гӯши фалак расонад.

Қаҳрамони асосии роман – Восеъ як деҳқони ғайриодӣ аз деҳаи Дараи Мухтор аст. Нависанда ӯро чунин тасвир мекунад: «Восеъ марди қоматбаланди чоршона, бозувонаш ғафсу қувватнок ва синааш фарох буд. Дар чеҳраи кушода ва чашмони калони сиёҳаш ҳам ғурури мардонагӣ ва ҳам як меҳрубонии амиқ ба назар мерасид. Аз тамоми аъзои бадани вай қуввату ғайрат меборид ва ҳар касе, ки ӯро медид, дарҳол пай мебурд, ки ин мард барои корҳои одӣ не, балки барои корҳои бузург офарида шудааст». Восеъ аз кӯдакӣ дар оғӯши табиати сахти кӯҳистон обутоб ёфта, дард ва ранҷи мардуми камбағалро бо пӯсту устухонаш ҳис кардааст. Ӯ на танҳо бо қувваи ҷисмонии худ, балки бо ақлу заковат, адолатпарварӣ ва дили бузургаш дар байни ҳамдеҳагон обрӯ ва эҳтироми хоса дорад. Восеъ оиладор аст, ҳамсар ва фарзандони худро бениҳоят дӯст медорад ва орзуи ягонааш ин аст, ки дар фазои орому осуда зиндагӣ кунад, замин корад ва пораи нонеро бо аҳли оилааш бихӯрад. Аммо зиндагӣ ва шароити бераҳмонаи он замон намегузорад, ки марди бонангу номус дар канор истад ва тамошобини зулм бошад.

Дар роман тадриҷан ташаккул ёфтани шуури исёнгаронаи Восеъ нишон дода мешавад. Ӯ мебинад, ки чӣ тавр ҳамсоягонаш аз гуруснагӣ мемиранд, чӣ тавр кӯдакони деҳа либоси дуруст надоранд ва чӣ тавр амлокдорони шикамкалон бо қамчин бар сари мӯйсафедону занони бегуноҳ мезананд. Дар вуҷуди Восеъ оташи ғазаб ва нафрат нисбат ба беадолатӣ зарра-зарра ҷамъ мешавад. Улуғзода хеле устодона нишон медиҳад, ки Восеъ аз рӯзи аввал шӯришгар набуд – ӯро зулм ва бедодгарии ҳукуматдорон ба майдони мубориза кашид.

Нуқтаи гардиш дар ҳаёти Восеъ ва тамоми минтақа вақте фаро мерасад, ки соли хушксолӣ ба сари деҳқонон меояд. Осмон қатрае борон намедиҳад, заминҳо мекафанд, зироат пеш аз расидан хушк мешаванд. Деҳқонони Дараи Мухтор ва деҳаҳои атроф ҳатто ҳамон тухмии коштаашонро гирифта наметавонанд. Мардум дар ҳолати гуруснагии даҳшатнок қарор доранд ва умедворанд, ки беки Балҷувон ва амлокдорон вазъияти онҳоро ба назар гирифта, ин сол аз гирифтани хироҷ даст мекашанд. Аммо воқеият даҳшатноктар аз интизориҳост. Амлокдори маҳаллӣ бо навкарони мусаллаҳ ва қамчин ба даст ба хирманҷойи деҳа меояд... Ӯ на танҳо бахшидани андозро рад мекунад, балки талаб мекунад, ки андоз беш аз пеш пардохта шавад. Вақте ки мӯйсафедони деҳа бо гиряву зорӣ мефаҳмонанд, ки чизе барои додан надоранд ва фарзандонашон гурусннаанд, амлокдор ба ғазаб омада, амр медиҳад, ки онҳоро қамчинкорӣ кунанд.

Восеъ аз байни ин мардуми сода, вале ҷасур дастаҳои муназзам ташкил мекунад. Дӯстону ҳамсафони содиқи ӯ дар паҳлӯяш истода, дар идора кардани ин лашкари мардумӣ ба ӯ кумак мекунанд. Роман дар ин қисмат фазои ҳамбастагӣ, бародарӣ ва бедории миллии мардумро чунон зебо ба қалам медиҳад, ки хонанда беихтиёр бо онҳо ҳамсадо мегардад.

Пирӯзӣ дар Балҷувон як лаҳзаи нуронӣ ва фаромӯшнашаванда дар роман аст. Восеъ амр медиҳад, ки анборҳои ғаллаи бек ва амлокдорон, ки бо арақи мардум пур шуда буданд, кушода шаванд ва ғалла ба мардуми гурусна ва камбағал тақсим карда шавад. Дафтарҳои қарзу андоз сӯзонида мешаванд. Барои як муддати кӯтоҳ дар сарзамини Балҷувону Ховаling адолат барқарор мегардад. Деҳқонон нафаси озод мекашанд. Восеъ нишон медиҳад, ки ӯ на барои ғоратгарӣ ё мансабхоҳӣ, балки маҳз барои барқарории адолати иҷтимоӣ ва сер кардани шиками мардуми фақир бархостааст.

Хабари суқути Балҷувон ва фирори бек ба гӯши амири Бухоро – Абдулаҳадхон мерасад. Дарбори Бухоро ба ларза медарояд. Амир хуб медонист, ки агар ин шӯриш пахш нагардад, шарораи он метавонад тамоми аморатро фаро гирад ва тахту тоҷи ӯро сӯзонад. Бинобар ин, ӯ ба яке аз сарлашкарони бераҳм ва ботаҷрибаи худ амр медиҳад, ки бо як артиши бузурги мунтазам (сарбозон), ки бо силоҳҳои оташфишони замонавӣ ва тӯпхо муҷаҳҳаз буданд, ба сӯйи Балҷувон ҳаракат кунад. Дар ин қисмати роман Улуғзода фарқияти фоҷиавии байни ду қувваро нишон медиҳад. Аз як тараф, лашкари амир бо либосҳои ягона, милтиққои нав, аспҳои бодпо ва тӯпҳои вазнин, ки бо мақсади саркӯб ва хунрезӣ меомаданд, аз тарафи дигар, лашкари Восеъ – мардони одии деҳқон, ки ҷомаҳои дарида дар тан, калтак ва табар дар даст доштанд ва танҳо синаи пур аз орзуи озодӣ сипари онҳо буд.



Вақте ки ду лашкар бо ҳам рӯ ба рӯ мешаванд, саҳнаҳои ҷанг дар роман бо чунон фоҷиа ва дар айни замон бо чунон қаҳрамоние тасвир ёфтаанд, ки қалби хонанда ба дард меояд. Восеъ ва ҳамсафонаш бо шуҷоати афсонавӣ меҷангиданд. Онҳо ба рӯи милтиққои оташфишон ва тӯпҳои лашкари амир бо синаи кушод мерафтанд. Садои даҳшатноки гумбурроси тӯпҳо, ки бисёре аз деҳқонон дар умрашон нашунида буданд, ба сафи шӯришгарон талафоти зиёд меовард. Садҳо деҳқони ҷасур дар хоки ватани худ ғалтида, бо хуни худ заминро лолагун мекарданд. Улуғзода дар ин саҳифаҳо фоҷиаи як халқи мазлумро, ки бо дасти холӣ барои ҳаққи зиндагӣ меҷангад, ба таври бисёр риққатовар ва муассир баён кардааст.

Дар баробари нобаробарии қувваи ҷонибҳо, як омили дигари фоҷиавие, ки боиси шикасти шӯриш гардид, ин хиёнат буд. Нависанда бо маҳорати баланди равоншиносӣ нишон медиҳад, ки дар байни шӯришгарон на ҳама то охир устувор монданд. Баъзе аз сарватмандони маҳаллӣ ва афроде, ки дар оғоз аз тарси қувваи халқ ё бо мақсади манфиатҳои шахсӣ ба Восеъ ҳамроҳ шуда буданд, ҳангоми дидани лашкари бузурги амир ба ваҳшат афтода, роҳи хиёнатро пеш гирифтанд. Онҳо пинҳонӣ бо сарлашкарони амир гуфтушунид карда, нақшаи ҷойгиршавии дастаҳои Восеъро фош намуданд ва дар лаҳзаҳои ҳалкунанда аз ҷанг канор рафтанд. Ин хиёнати дохилӣ зарбаи мудҳиштарин барои Восеъ буд. Ӯ, ки худ марди покдил ва содиқ буд, дарк кард, ки душмани дохилӣ аз душмани берунӣ хатарноктар аст. Дар натиҷаи муҳосира ва зарбаҳои пай дар пай, лашкари деҳқонон пароканда шуд ва шӯриш бераҳмона пахш гардид. Деҳқон сӯзонида шуданд, занону кӯдакон ба асирӣ гирифта шуданд ва хун дар дарёчаҳои кӯҳистон ҷорӣ гашт.

Саҳнаи қатли Восеъ дар роман чунон тасвир шудааст, ки мӯй дар бадани хонанда рост меистад. Ҷаллодон ӯро ба майдони қатл меоранд. Халойиқи зиёде ҷамъ омадаанд, аммо касе садо бароварда наметавонад. Восеъ бо қадамҳои устувор ба сӯйи дор (ё ҷойи қатл) меравад. Ӯ пеш аз марг ба мардум нигоҳ карда, ба онҳо ҳушдор медиҳад, ки озодӣ муфт ба даст намеояд ва рӯзе фаро хоҳад расид, ки ин зулму истибдод канда мешавад.

Бо марги Восеъ, гарчанде ҷисми ӯ аз байн рафт, номаш ба як афсонаи зинда – рамзи абадии мубориза ва озодихоҳӣ табдил ёфт. Мардум дар бораи ӯ сурудҳо эҷод карданд, қиссаҳо бофтанд ва номи ӯро ҳамчун муқаддасот аз насл ба насл гузарониданд. Роман бо ҳамин рӯҳияи некбинӣ ва эътиқод ба оянда дурахшони халқ ба поён мерасад.

***

Чаро бояд романи «Восеъ»-ро хонд? Хулосаи мазкур танҳо як назари умумӣ ба хатти сужаи роман буд. Аммо он чизе, ки ин асарро ба як шоҳасар табдил медиҳад, ин қалами сеҳрноки Сотим Улуғзода аст. Аввалан, забони роман онҷунон ширину равон ва саршор аз ибораҳои зебои халқӣ ва зарбулмасалҳои тоҷикӣ аст, ки мутолиаи ҳар як саҳифаи он ба хонанда ҳаловати эстетикӣ мебахшад. Сониян, Улуғзода қаҳрамонони худро сиёҳу сафед тасвир накардааст. Ӯ ҳолатҳои ботинии онҳо, шакку шубҳаҳо, тарс ва далериро хеле табиӣ нишон додааст.

Фаридун АСЛОНОВ,
магистранти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Чирчиқ.

АНҶУМАНИ ЖУРНАЛИСТЗАНОНИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

14-15 сентябри соли ҷорӣ дар Тошканд Конфронси II байналмилалии занони ҳирфаии соҳаи ВАО Осиёи Марказӣ таҳти унвони «Ҳамраъйии минтақавӣ, амнияти рақамӣ ва ояндаи фарогири журналистика» баргузор шуд. Конфронси дурӯза беш аз 100 рӯзноманигор, муҳаррир, менеҷери соҳаи ВАО, эҷодкунандаи муҳтавои рақамӣ, блогер, коршиноси байналмилалӣ ва ҳомии ҳуқуқро аз Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон гирдиҳам оварда.

Мизбони анҷуман Маркази рушди журналистикаи муосири Ӯзбекистон (MJDC) буда, шарикони миллӣ – Маркази истеҳсоли муҳтаво барои ВАО назди Маъмурияти Президент ва Бунёди ҷамъиятии рушд ва дастгирии ВАО-и миллӣ мебошанд.

Шарики калидии минтақавӣ Эътилофи миллии занони рӯзноманигори Тоҷикистон мебошад.

Дар маркази барномаи конфронс чолишҳое қарор доранд, ки ба фаъолияти занон дар соҳаи ВАО-и Осиёи Марказӣ ҳарчи бештар таъсир мерасонанд.

Директори Маркази рушди журналистикаи муосири Ӯзбекистон Саида Сулаймонова таъкид намуд:

– Ду сол қалб мо пеш аз ҳама дар бораи зарурати муттаҳид намудани занони рӯзноманигори Осиёи Марказӣ сухан мегуфтем. Имрӯз муҳим аст, ки қадами навбатиро гузорем – ҳамкории минтақавиро ба низоми амалкунандаи робитаҳои касбӣ ва дастгирии мутақобила табдил диҳем. Занони соҳаи ВАО новобаста аз кишвар бо мушкилоти хеле якрангу монанд рӯ ба рӯ мешаванд – аз таъқиби рақамӣ ва фишори касбӣ то тағйироти босуръате, ки зеҳни сунъӣ ба вуҷуд меорад. Ва вокуниш ба ин мушкилот самараноктар аст, агар мо якҷоя амал кунем.

– Занони рӯзноманигор дар таъмини он ки ВАО воқеаҳоро ҳамон тавре инъикос кунанд, ки воқеан рух медиҳанд, нақши ниҳоят муҳим доранд. Аз заноне, ки «шифти шишагӣ»-ро паси сар мекунанд, аксар вақт интизор мешаванд, ки дар шароити душвор ё ноустувор муваффақ шаванд, – гуфт сафири Иттиҳоди Аврупо дар Ӯзбекистон Тойво Клаар. – Асоси институтсионалии ҳамкории минтақавӣ Ёддошти тафоҳум оид ба таъсиси Эътилофи занони рӯзноманигори Осиёи Марказӣ мебошад, ки 3 майи соли 2024 дар Душанбе ба имзо расидааст.

Иштирокчиён самтҳои фаъолияти Эътилофро барои солҳои 2026 -2029, имкониятҳои таъсиси механизмҳои кӯмаки мутақобилаи касбӣ, инчунин лоиҳаҳои муштараки таълимӣ, журналистӣ ва минтақавиро баррасӣ намуданд.

Самти дигари кор таҳияи роҳнамои ягонаи минтақавӣ оид ба журналистикаи ҳассос ба масъалаҳои гендер буд.

Дар анҷом маросими тантанавии супоридани ҷоизаи минтақавии Women Media Awards Central Asia баргузор шуд. Ин ҷоиза барои қадрдонии дастовардҳои касбӣ, роҳбарӣ ва саҳми занон дар рушди соҳаи ВАО-и Осиёи Марказӣ таъсис ёфтааст.

Саодат БЕКНАЗАРОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик».



Дар остонаи 35-умин солгарди Истиқлолӣ кишварамон дар ноҳияи Дӯстлики вилояти Ҷиззах корҳои марбут ба фароҳам овардани шароити муосир ва муносиби зиндагӣ барои аҳолӣ ва ободонии ҳудудҳо ба таври пайваста идома дорад. Дар ҳудуди маҳаллаи «Чинобод» маҷмааи «Ӯзбекистони Нав» бунёд шудааст, ки натиҷаи амалии ин талошҳост.

Дар ин маҷмаа ба таъмини биноҳои баландошёна ва иншооти иҷтимоӣ бо шабакаҳои зарурии муҳандисӣ ва коммуникатсионӣ таваҷҷуҳи вижа зоҳир шудааст.

Бо ҳадафи беҳтар кардани муҳити зисти ҳудуд, «Боғи Ӯзбекистони Нав» бунёд гардид. Дар он 2 ҳазор ниҳоли дарахтони ороишӣ шинонда шуд.

Дар маҷмаа корҳои сохтмони иншооти иҷтимоӣ ва тавсеаи иншооти мавҷуда низ идома дорад.

Яке аз рӯйдодҳои муҳими ин маросим супурдани калидҳои хона ба соҳибони хонаҳои нав буд.

Аксбардор: Ҷамшед ЁРБЕКОВ (ӮзА).

ЧОРАБИНИҲО ДАР ДУШАНБЕ

Дар шаҳри Душанбе бахшида ба 35-умин солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон як силсила чорабиниҳои мутантан баргузор шуданд. Дар тантанаҳо аз 27 кишвари дунё бештар аз 130 нафар намояндагон ширкат ҷустанд, ки дар байни онҳо фиристодагони Ӯзбекистон – аз ҷумла чанд нафар ходимони рӯзномаи «Овози тоҷик» низ буданд.



Паради ҳарбӣ дар «Майдони Истиқлол», ки дар қалбгоҳи Рӯдакӣ воқест, хеле хотирмон сурат гирифт. Дар маросими кушоиши чорабинӣ Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуд вазифаи аввалиндараҷаи мо аз он иборат аст, ки истиқлоли давлати хешро чун неъмати аз ҳама гаронбаҳои зиндагӣ ҳифз намоем ва онро ҳамвора таҳким бахшем.

Дар маҷмааи давлатии «Кохи вахдат» ҳамоиши илмӣ таҳти унвони «Тоҷикистони соҳибистиқлол – пайвандгари тамаддуни ориёӣ» бо иштироки сарвари Тоҷикистон рӯйи кор омад ва дар он Пешвои тоҷикон таъкид сохт дар шароити феълӣ, ки бархӯрди тамаддунҳо дар ҷаҳон тоғрафт тезутунд мешавад, омӯхтан ва таҳқиқ кардани меросӣ бостонӣ, ҳифзи арзишу суннатҳои милливу мардумӣ аҳаммияти махсус пайдо менамояд.

Маҷлиси тантанавӣ ба ифтихори 35-солагии истиқлолият дар толори Муассисаи давлатии «Театри миллӣ» низ баргузор гардид. Дар он Эмомалӣ Раҳмон аз ҷумла қайд кард «Истиқлол рамзи давлатии соҳибихтиёрии миллӣ, нишонаи пойдориву бақои он ва саодати миллат мебошад».

Дигар аз чорабиниҳои фаромӯшнопазир, ки дар «Майдони Истиқлол» ба вуқӯъ пайваст, роҳпаймоии осоишта ба ифтихори ҷашн буд. Таъкид шуд, ки 35 сол муқаддам мардуми тоҷик бузургтарин неъмат – озодиро ба даст оварда ва таъсиси миллии худро эълон намуд. Яъне миллати тоҷик бо гузашти асрҳои зиёд давлатдории мустақили худро барқарор намуд ва ба давраи комилан нави таърихи худ ворид гашт.

Ҳамчунин гуфта шуд, ки дар натиҷаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандии солҳои 90-уми асри сипаришуда давлати тозаистиқлоли тоҷикон ба хатари нобудӣ рӯ ба рӯ гардид ва то дараҷае пароканда шудани он ба воқеияти даҳшатноки он рӯзҳо табдил ёфт. Ва, хушбахтона, мардуми огоҳ ва истиқлолхоҳи тоҷик алайҳи душманони дохиливу хориҷӣ, ки мехостанд Тоҷикистонро қисмат ва чанд парча намоянд, дар чунин марҳилаи тақдирсоз ба хотири ҳифзи давлатдории миллии хеш сафҷамъ ва муттаҳид гашт.

Дар чорабинии идона бо иштироки сокинони пойтахт, намояндагони касбу кори гуногун, ҷавонону наврасон ба ифтихори ҷашни фархунда роҳпаймоии идона баргузор гардид.

Тавре ҳозирон таъкид намуданд, аз рӯйи ҳаҷм ва шукӯҳ ин калонтарин роҳпаймоии идона дар давоми 35 соли соҳибистиқлолии кишвар дар пойтахти Тоҷикистон буд, ки дар он бештар аз 120 ҳазор нафар аз назди минбари асосӣ гузаштанд ва онҳо дар даст парчамҳои давлатӣ ва шиору овезаҳои идона дар фазои тантанавӣ нисбати диёри ҷонаҷони хеш муҳаббату садоқат изҳор намуданд.

Муҳташамтарин чорабинӣ – барномаи фарҳангӣ ва намоиши театришудаи сатҳӣ олӣ ба ифтихори ҷашн буд, ки дар Муассисаи давлатии Варзишгоҳи миллӣ рӯйи кор омад.

Баъди суханронии Президент намоиши театрикунондашуда таҳти унвони «35 соли сарнавиштсоз» баргузор гардид.

Намоиши идонаву тантанавӣ, ки ба қисматҳо ҷудо шуда буд, бо рангинӣ, завқбахшӣ ва ғояҳои ҷолиб эътибори умумро ба худ кашид. Бо истифодаи оқилона аз имкониятҳои зеҳни сунъӣ ташкилкунандагони чорабинии идона дар пеши назари тамошобинони сершумор манзараҳоеро падид оварданд, ки воқеан мӯъҷизаомез ба назар метофтанд.

Консерти идона бо иштироки овозхонҳои маъруфи Тоҷикистон барпо гардид.

Барои фиристодагони ҷумҳурии мо хушоянд боз он буд, ки онҳо дар доираи тантанаҳо ба як қатор симоҳои намоёни санъат ва ҳунари тоҷик, ки алъон дар хориҷ кору эҷод мекунанд, дидор диданд. Вохӯрӣ алалхусус бо санъаткори шинохта – профессори фахрии Институти санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода Борис Катаев, ситораи санъати эстрадии тоҷик Маҳфират Ҳамроқулова, раққосаи нотакрор Малика Қаландарова ва ҳамтоёни онҳо, ки Амрикоро макони зист қарор додаанд, хотирнишин буд.

Дар мушоира бо иштироки шоирон ва донишмандони адабиёт аз Афғонистон ва Эрон, ки дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ба вуқӯъ омад, шоирони номии мо Паймон ва Абдуллоҳ Субҳон низ шеърхонӣ карданд.

Аён буд силсилаи чорабиниҳои мутантан дар Душанбе барои таҳкими ҳисси худогоҳии миллӣ, ватанпарастӣ ва гиромидошти неъматҳои даврони соҳибистиқлолӣ заминаҳои боз ҳам амиқ ва доманадор фароҳам меоваранд.

Муҳаммадҷон ШОДӢ.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Ҷонишини сармуҳаррир Тоҷибой ИКРОМОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-928.
Адади нашр 2042. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: А. Субҳонов.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 00.00

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.